Ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА-014 назди ДДМИТ бо суроғаи ш.Душанбе, 734067, кӯчаи Нахимов 64/14 E-mail. faridullo72@mail.ru. Телефони котиби илмӣ (+992) 935730010

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Халифазода Ҷовидон Бобохон дар мавзуи «Арзёбии самаранокии кластерҳои агросаноатӣ дар минтақа (дар мисоли кластерҳои пахтаи минтақаи Хатлон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03. - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод шудааст**

Имрӯзҳо дар назди илми иқтисод тазодҳо ва хатарҳои нав ба вуҷуд омадааст, ки он аз давлат ва субъектҳои гуногуни хоҷагидорӣ кӯшишҳои дастаҷамъонаро оид ба навҷорисозии сохторӣ ва баҳои самаранокии истеҳсолот тақозо менамояд. Ин равандҳо зарурати ҷорӣ намудани назарияҳои нави рушди иқтисодӣ, махсусан кластерикунонии соҳаҳои иқтисодиётро, ки он барои татбиқи барномаҳои дарозмуҳлат ва татбиқи консепсияи рушди кластерҳои агросаноатӣ дар минтақа хизмат менамояд, зарур мешуморад. Кластерикунонӣ дар ташкили истеҳсолот яке аз унсурҳои муҳимми таъмини рушди устувори минтақа ба ҳисоб рафта, бо истифодаи самараноки иқтидори захиравӣ-табиӣ, инноватсияҳо ва рақобатпазирии соҳаи комплекси агросаноатӣ равона карда шудааст. Вобаста ба ин, ташаккули кластерҳои агросаноатӣ ва дар заминаи он рушди соҳаи кишоварзӣ ва таъмини сатҳу сифати баланди зиндагии аҳолӣ яке аз вазифаҳои асосии илми иқтисодиёти минтақавӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ мубрам будани мавзӯи рисолаи номзадии Халифазода Ҷ.Б. бебаҳс аст.

Маҳз татбиқи амалии ҳадафҳои Стратегияи рушди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дар бахши агросаноатӣ ба афзоиши истеҳсоли маҳсулоти асосии кишоварзӣ, бахусус, пахта ва ҷалби сармоягузориҳо ба рушди кластерҳои минтақавӣ бо истифода аз технологияҳои муосир нигаронида шуда, он хеле хуб арзёбӣ мегардад. Дар ҳуҷҷати мазкур ба қатори омилҳои ба рушди соҳаҳои истеҳсолии иқтисоди миллӣ ва зеркомплексҳои алоҳидаи комплекси агросаноатӣ монеъшаванда «...сатҳи пасти дохилисоҳавӣ ба байнисоҳавӣ, инчунин, байниҳудудии кооператсия ва ҳамгироӣ, рушд наёфтани равиши кластерӣ...». низ дохил карда мешавад. Ҳамаи тафсирот ва далелҳои дар боло зикршуда мувофиқати мавзӯи интихобкардаи диссертатсияро муайян намуда, мубрамӣ, рӯзмарра, аҳамияти амалӣ ва арзиши илмии онро тасдиқ менамояд.

Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки ҳалли мушкилоти дар боло дарҷгардидаи ташаккули кластерҳои пахта аз истифодаи самараноки иқтидори захиравӣ-табиӣ, захираҳои меҳнатӣ ва молиявӣ, раванди кооператсия ва ҳамгироии агросаноатӣ, навсозии техникию технологӣ ва

инноватсияҳои истеҳсолӣ вобастагӣ дорад. Масоил ва мушкилоти номбурда зарурати таҳқиқоти назариявӣ-услубӣ ва пешниҳодҳои амалиро оид ба ташаккули кластерҳои пахта дар минтақаҳои агросаноатӣ тақозо намуда, он барои рушди устувори иқтисодиёти кишвар барои солҳои минбаъда хизмат хоҳад кард. Таҳқиқ ва ҳалли масоили мазкур мубрамияти таҳқиқоти илмиро муайян намуда, яке аз масъалаҳои рӯзмарра дар шароити муосир ба ҳисоб меравад.

Дар қатори бартариятҳои дар автореферат овардашуда хубтар мешуд, агар муаллиф омӯзиши ҷанбаҳои назариявии ташаккули кластерҳои пахта дар шароити минтақаҳои агросаноатӣ ҷиҳати истифодаи таҷрибаи хориҷӣ дар шароити Тоҷикистон пешниҳодҳои мухталифро нишон медод. Инчунин дар автореферат на ҳама паҳлуҳои баланд бардоштани самаранокии кластерҳои пахта дар минтақаи Хатлон оварда баҳо дода шудаанд.

Новобаста ба ин эродҳои гирифташуда характери тавсиявӣ доранд ва сифати рисолаи анҷом дода шуда таъсири манфии худро расонида наметавонад. Дар маҷмуъ, қайд кардан бомаврид аст, ки рисолаи илмии мазкур таҳқиқоти илмии мустақилона ва бо пуррагӣ анҷомёфта буда, навгониҳои илмӣ ва амалиро дар худ таҷассум менамояд.

Автореферат ва корҳои аз чоп баровардаи муаллиф дар худ таркибу мундариҷаи диссертатсия ва навгонии илмии онро ифода намуда, натиҷаи ба даст овардаи муаллиф арзиши илмӣ дошта асосҳои назариявию амалии арзёбии самаранокии кластерҳои агросаноатӣ дар минтақаро ифода менамояд.

Умуман, автореферат дар мавзуи «Арзёбии самаранокии кластерҳои агросаноатӣ дар минтақа (дар мисоли кластерҳои пахтаи минтақаи Хатлон)», аз рӯи натиҷаҳои илмӣ ва амалии худ ҷавобгӯи талаботҳои бандҳои 31 ва 33-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 январи соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, таҳия карда шуда, муаллифи он Халифазода Ҷовидон Бобохон арзандаи дараҷаи илмӣ - номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03. - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
доктори илмҳои иқтисодӣ. профессори
кафедраи фаъолияти гумрукии Донишгоҳи
давлатии тиҷорати Тоҷикистон Раҷабов Р.К.

Имзои д.и.и., профессор Раҷабов Р.К.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДТТ Пиризода С.С.

**Суроға:**734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ 1/2
Телефон: (+992) 934444107E-mail: drrajab@mail.ru